**Тавзеҳнома**
**ба лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба Дастурамали №211 "Дар бораи тартиби анҷомдиҳии амалиёти мубодилавӣ бо асъори хориҷӣ"**

Лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба Дастурамали №211 "Дар бораи тартиби анҷомдиҳии амалиёти мубодилавӣ бо асъори хориҷӣ" бо назардошти қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор", "Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом» ва Дастурамали №204 "Оид ба тартиби анҷом додани амалиёти интиқолӣ аз ҷониби шахсони воқеӣ бе кушодани суратҳисоби бонкӣ" таҳия гардида, тартиб ва қоидаҳои ташкил кардан, анҷом додан, ба расмият даровардан, ба ҳисоб гирифтан, ҳисобдорӣ ва ҳисоботдиҳии амалиёти мубодилавӣ бо асъори хориҷиро дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ муқаррар мекунад.

Заминаи меъёрии ҳуқуқии лоиҳаи санади мазкурро моддаҳои 3, 4, ва 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор" ташкил медиҳад.

Тағйиру иловаҳо ба Дастурамали №211 "Дар бораи тартиби анҷомдиҳии амалиёти мубодилавӣ бо асъори хориҷӣ" бо мақсади мувофиқа намудани асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқии тартиби анҷом додани амалиёти мубодилавӣ бо асъори хориҷӣ ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом" ва Дастурамали №204 "Оид ба тартиби анҷом додани амалиёти интиқолӣ аз ҷониби шахсони воқеӣ бе кушодани суратҳисоби бонкӣ", инчунин ҷиҳати амалӣ намудани тавсияҳои Департаменти аудити дохилӣ таҳия шудааст.

Зарурати дигари таҳияи лоиҳаи санади мазкур ин аз эътибор соқит намудани мафҳуми "нуқтаи интиқоли пул" мебошад, ки қаблан мафҳуми мазкур аз дастурамали бевосита батанзимдарорандаи амалиёти интиқоли маблағҳо бе кушодани суратҳисоби бонкӣ тааллуқдошта (Дастурамали №204 "Оид ба тартиби анҷом додани амалиёти интиқолӣ аз ҷониби шахсони воқеӣ бе кушодани суратҳисоби бонкӣ") пурра хориҷ гардида буд.

Инчунин, дар лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба Дастурамали мазкур, мафҳуми "нуқтаҳои хизматрасонии хазинавӣ" хориҷ карда шуд, зеро ки ин мафҳум низ дар "Тартиби таъсиси воҳидҳои сохторӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва филиалҳои онҳо" аз эътибор соқит карда шудааст.

Ҳамзамон, зарурати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба ин санади меъёрии ҳуқуқӣ ин мутобиқ гардонидани раванди хизматрасонии амалиёти мубодилавӣ ва ҳаҷми маблағҳои мубодилашаванда ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда,

маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом” мебошад, ки нишондиҳандаҳо бо сомонӣ ба нишондиҳанда барои ҳисобҳо иваз карда шуданд.

Мутобиқи Тартиби гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидоштаи вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва лоиҳаҳои онҳо, арзёбии дохилиидоравии зиддикоррупсионии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июни соли 2014, № 355 тасдиқ шудааст, лоиҳаи Қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Дастурамали №211 “Дар бораи тартиби анҷомдиҳии амалиёти мубодилавӣ бо асъори хориҷӣ”” барои гузаштан аз арзёбии дохилиидоравии зиддикоррупсионӣ ба воҳидҳои сохтории Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод карда шудааст. Аз рӯи хулосаҳои аз ҷониби воҳидҳои сохтории дахлдор пешниҳодшуда, дар лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба Дастурамали мазкур омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия ошкор нагардид.

Қабули тағйиру иловаҳо ба Дастурамали мазкур аз буҷети давлатӣ хароҷоти иловагӣ талаб наменамояд ва дар сурати қабул гардидани он духурагӣ дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии батанзимдарорандаи амалиёти мубодилавӣ бо асъори хориҷӣ аз байн меравад, ва раванди анҷомдиҳии амалиёти мубодилавӣ бо асъори хориҷӣ мукаммалтар мегардад.

Раис Ҷ. Нурмаҳмадзода